# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.09.2025, № 110

Барои сазовор донистани Шаҳнозаи Турсунзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №22/шд) аз 15-уми июли соли 2025 бо суратҷаласаи №106 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳнозаи Турсунзода 17-уми феврали соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Солҳои 2020-2025 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» **Амлоев Аминҷон Ятимович.**

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло,** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти

кафедраи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи зикршуда Назаров Меҳрубон Ниёзмадович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ Зоирзода Холмурод Сафаралӣ, котиби илмии ҷаласа – муаллими калони кафедра Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пасвандҳои -нок ва -манд дар «Ёддоштҳо»-и *С. Айнӣ / Т. Шаҳнозаи* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С.57-62.

[2-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пасванди -ӣ (-гӣ, -гӣ) дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 56-61.

[3-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пасвандҳои **-она** дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №2. – С.68-73.

[4-М]. Амлоев, А.Я., Шаҳнозаи, Т. Мавқеи истеъмоли пешвандгунаҳои пур- ва хуш- дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / А. Я. Амлоев, Т. Шаҳнозаи // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2023. – №3 (43). – С.284-290.

[5-М]. Амлоев, А. Я. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пешванди но- дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / А. Я. Амлоев, Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7.– С.35-40.

[6-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пасванди -а дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. –№7. – С.76-81.

[7-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии сифатҳои мураккаби омехта дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №9. – С.78-85.

[8-М]. Шаҳнозаи, Т. Доираи истифодаи пешвандгунаҳои дил- ва сер- дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (115). – С.50-55.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[9-М]. Шаҳнозаи, Т. Нақши асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар тарбияи насли наврас / Т. Шаҳнозаи // Маводди онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (Кӯлоб: ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, 13 ноябри соли 2020. – Душанбе, 2020). – С.170-174

[10-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозӣ дар забони адабии тоҷик / Т.Шаҳноза // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Тамоили муосири таълими забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе: ДБССТ, 12-уми феврали соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.464-466.

[11-М]. Шаҳнозаи, Т.Меъёрҳои калимасозии сифат дар забони тоҷикӣ / Т. Шаҳноза // Маводди конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявии устодону донишҷӯёни Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар мавзуи «Самтҳои асосии таъмини

саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар пасманзари ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе: ДБССТ, 29-30 апрели соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.145-147.

[12-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии сифатҳои мураккаби тобеъ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Т. Шаҳноза // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Языковые особенности и проблемы перевода художественного наследия Джалолиддина Балхи» (Душанбе: РТСУ, 05 октября 2022 года). – Душанбе, 2022 – С. 64-71.

[13-М]. Шаҳнозаи, Т. Вазифаҳои дастурӣ ва имкониятҳои калимасозии пешванди бе- дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Т. Шаҳноза // Маводди конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявии устодону донишҷӯёни Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» бахшида ба солҳои 2022-2026 дар мавзуи: «Нақши сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва саноат дар раванди амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои рушди саноат)» (Душанбе: ДБССТ, 24-24 апрели соли 2023). – Душанбе, 2023. – С.356 -360.

[14-М]. Амлоев, А.Я., Шаҳнозаи, Т. Мавқеи пасванди -она дар осори Садриддин Айнӣ ва аҳаммияти он ба адабиёти муосири тоҷик / А.Я.Амлоев, Т. Шаҳноза // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Татбиқи технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ ва низомҳои зеҳнӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе: ДБССТ, 25 ноябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С.213-219.

[15-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии пасванди -гар дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т. Шаҳноза // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар мавзуи «Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира» (Душанбе: ДБССТ, 20-уми феврали соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 101-103.

[16-М]. Шаҳнозаи, Т.Мавқеи истеъмоли калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т. Шаҳнозаи // Маводди конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илми муосир» (Душанбе: ДБССТ, 25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.634-635.

[17-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозӣ ба воситаи пешванд ва пасвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Т.Шаҳноза // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (Душанбе: ДБССТ, 15-уми ноябри соли 2024) – Душанбе, 2024. – С.41-47.

[18-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Т.Шаҳноза // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Endless Light in Science» (Алмаато, 31 января 2025 г.). – Алматы, 2025.– С. 70-75.

[19-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозии сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо» - и Садриддин Айнӣ / Т.Шаҳноза // Маводдӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Забон – падидаи олитарини ҷомеа» (Душанбе: ДБССТ, 20-уми феврали соли 2025). – Душанбе, 2025. – С.112-117.

[20-М]. Шаҳнозаи, Т. Калимасозӣ ба воситаи пешвандҳои «ба-, бар-, бе-» ва пасвандҳои «-манд» дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ / Т.Шаҳноза //Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Забон – падидаи олитарини ҷомеа» (Душанбе: ДБССТ, 20-уми феврали соли 2025) – Душанбе, 2025. – С.117-122.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Олимҷонов Мусо Обидович** мусбат буда, ҳамзамон бо зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин қайд шудааст:

1. Дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ.7, 9, 13) ва техникӣ (саҳ.12, 13, 16, 18) роҳ ёфтаанд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Раҳмонов Мадислом Мадисоевич** мусбат буда, ҳамзамон бо қайди дастовардҳои илмӣ камбудии зерин дар автореферат баён шудааст:

-дар баробари дастовардҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо роҳ ёфтаанд, аз ҷумла хатоҳои имлоиву ҷобаҷогузории техникӣ, ки бо пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф монеа эҷод нахоҳад кард.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии Данғара **Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович** низ мусбат буда, ба норасоиҳои ҷойдоштаи зерин ишора шудааст:

1. Дар кор ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ, китобат ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни таҳқиқи муаллифро меафзоянд. Чунончи, хатоҳои имлоӣ: вожаи «рӯҳӣ» - дар саҳ. 4; исми Саъдӣ Шерозӣ - дар саҳ. 5, «хоси» - дар саҳ. 11; «Ал муъҷам» - дар саҳ. 21, ки бояд ба ҷойи онҳо руҳӣ, Саъдии Шерозӣ, хосси ва «Ал-Муъҷам» биёянд;

2. Муаллиф дар аксари маврид зимни овардани иқтибосот аз мисолҳои шоҳид ба ҷойи аломати тире нимтиреро истифода кардааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **муайян карда шудааст**, ки устод Айнӣ барои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳу усулҳои гуногуни калимасозии сифатро истифода кардааст;
– басомаду дараҷаи калимасозии пешванду пасвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ гуногун буда, **маълум карда шудааст**, ки унсурҳои вожасозӣ серистеъмол, камистеъмол ва бемаҳсул мебошанд.
– **собит карда шудааст,** ки сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо» ниҳоят зиёд корбаст шуда, осори устод Айнӣ метавонад, ба сифати меъёр дар бартараф намудани нуқсонҳо зимни калимасозии сифат ҳамчун роҳнамо бошад;
– **маълум карда шудааст,** ки забони насри устод Айнӣ дар инкишофи захираи луғавии забони адабии тоҷикӣ нақши созанда дорад;
– таҳқиқ **собит намудааст,** қолабҳои гуногуни калимасозии сифат, ки дар «Ёддоштҳо» аз ҷониби устод Айнӣ корбаст гардидаанд, барои ба вуҷуд омадани меъёри нави калимасозии сифат мусоидат мекунад;
– **мушаххас карда шудааст**, ки доираи калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар қиёс бо осори адибони гузашта васеъ аст;
– меъёрҳои асосии калимасозии сифат дар забони адабии муосири тоҷикӣ **мушаххас карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки назарияҳои навини вожасозӣ, таърихи калимасозӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули вожасозии сифат, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии калимаҳои ифодагари сифат, нақши сифат ва калимасозии он дар забони тоҷикӣ дақиқу муайян карда шуда, ҷойгоҳи сифатҳои сохтаю мураккаб дар низоми вожасозӣ ва калимаофарии тоҷикӣ муқаррар карда шудааст.

Натиҷаҳои аз пажуҳиш бадастовардашударо метавон ба сифати маводди таълимӣ дар факултетҳои филология барои донишҷӯён истифода кард. Ҳамчунин, қолабҳои сифатсозӣ, ки зимни таҳқиқ ошкору муайян карда шуданд, дар таълифи вожаномаи сифатҳои сода ва мураккаб, луғати басомади вожаҳо, баргузории дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик дар донишгоҳу донишкадаҳо метавонад истифода гардид.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия аз таҷрибаи илмии муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ, ки доир ба вожасозӣ, пажуҳиш анҷом додаанд, истифода шудааст. Зимни баррасии масъалаҳои меҳварии

диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқон, аз ҷумла Л. С. Пейсиков, В.С. Расторгуева, С. Ализода, Ш. Қ. Розӣ, Х.Ҳ. Нисорӣ , Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, С. Ҳалимов, М. Бобомуродов, Ғ. Мирзоев, С. Низомова, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода ва дигарон истифода шуда, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

Дар таҳлилу таҳқиқи мaводди гирдоваришуда ва масъалаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ аз методҳои анъанавии забоншиносӣ – методҳои таҷзияву таҳлил, мушоҳида, тасвир, таҳлили морфологӣ, сохторӣ ва услубӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияро зимни навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ аз фанни вожасозии ҳиссаҳои номии нутқ метавон истифода кард. Маводди рисола ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант барои истифода дар дарсҳои назарӣ ва амалӣ аз фанни калимасозии ҳиссаҳои номии нутқ мувофиқанд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои таҳияи барномаи таълимӣ аз фанни морфология, китобҳои дарсии марбут ба сарфи забони тоҷикӣ истифода гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, вожашиносон ва сарчашмаҳои таърихӣ дар сатҳи зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ, таснифи вожаҳои сифатӣ, коркарди маводди пажуҳиш, мувофиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ доир ба мавзуи пажуҳиш муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи рисола дар он зоҳир мегардад, ки мавсуф ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, колабу воситаҳои калимасозиро аз лиҳози сохтор ва маъно таҳлилу баррасӣ намудааст. Муносибати методологии муаллиф ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъалаи калимасозии сифат заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасӣ ва таҳқиқи калимасозии сифат, муайян сохтани арзиши илмии ин воҳидҳои

луғавӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24-уми сентябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Шаҳнозаи Турсунзода ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор –14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

24.09.2025.